Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-055 дар
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор».**

Такмил додани усулҳои таҳлили иқтисоди–омории бозори қарз, бахусус шартҳои дастрасии аҳолӣ, соҳибкорон ва субъектҳои дигари хоҷагӣ ба қарзҳои бонкӣ барои татбиқи самарабахши сиёсати пулию қарзӣ ва рушди устувори иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

Зимни вохӯриашон бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуданд: "...саҳми низоми бонкӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ, махсусан, саноатикунонии кишвар калон буда, фаъолияти муътадили иқтисодиёт аз сифат ва гуногуннамудии хизматрасониҳои бонкӣ вобастагии зиёд дорад. ... Роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ бояд дар самти паст намудани фоизи қарзҳо корбарӣ намуда, ҷиҳати осон намудани дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд".[1]

Шарти дастрасӣ ба қарзи бонкӣ омили муҳими рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва тағйирёбии ҳолати он аз маҷмуи омилу шароитҳои мухталиф алоқамандии зич дорад. Ба шартҳои дастрасии аҳолӣ, соҳибкорон ва дигар субъектҳои хоҷагӣ ба қарзҳои бонкӣ, сиёсати

қарздиҳии ташкилотҳои бонкӣ, вазъияти муосири пардохтпазирии бонкҳо, дараҷаи рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар бозори қарз, шартҳои амалиётии Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои қарзии кишвар, ҷалби пасандозҳои интиқолӣ дар бозори қарзии дохилӣ ва ғайра таъсир мерасонад, ки дар натиҷа ба тағйирёбии талабот ба қарзи бонкӣ мусоидат менамоянд. Бинобар ин, барои дастрасии аҳолӣ, соҳибкорон ва дигар субъектҳои хоҷагӣ ба қарзи бонкӣ на танҳо аз рӯйи меъёри фоиз, инчунин, аз рӯйи доираи васеи нишондиҳандаҳои шартҳои қарздиҳии бонкӣ, бахусус, кам будани пешниҳоди ҳаҷми қарзҳои калон, қонеъ нагардонидани муҳлати истифодаи қарз, таъминоти қарз, талабот ба ҳолатҳои молиявии қарзгир, дер баррасӣ шудани муҳлати қарз ва ғайра муайян карда мешавад. Маълумоти мукаммал доир ба қарзгир, қарздиҳанда ва шартҳои додани қарз танҳо ба иштирокчиёни бевоситаи бозори қарз–ташкилоти бонкӣ ва қарзгир маълум мебошад. Ҳол он ки барои муҳаққиқон–таҳлилгарон, ҳамчун қоида, танҳо маълумот оид ба меъёри (миёнаи) фоиз ва ҳаҷми маблағи қарзи бонкӣ дастрас мебошад, ки он барои таҳлили ҳамаҷониба ва самараноки бозори қарз нокифоя аст. Тағйирёбии меъёри фоизи қарз (меъёри фоида) на ҳама вақт зоҳиршавии тағйироти умумии арзиши қарзро дар бонкҳои анъанавӣ ва маблағгузориро дар бонкҳои исломӣ инъикос менамояд.

Дар автореферат баробари бартариятҳо қисман камбудӣ ва норасоиҳо мавҷуданд:

1. Ҳамчун эрод ҳаминро қайд метавон кард, ки дар автореферат таҳлили иқтисоди- омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ дар муқоиса бо дигар давлатҳои ҳамсоя пешниҳод карда мешуд самараноктар буд.

2.Дар саҳифаи 13 ҷадвали 2 муаллиф динамикаи қарзҳои додашудаи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз руи соҳаҳои иқтисодиёт пешниҳод намудааст, ки пурра таҳлил карда нашудааст. Хуб мешуд, пуратар таҳлил карда шавад.

3.Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникию ороишӣ дида мешавад, ки барои бартараф намудани онҳо таҳрири дақиқ тавсия дода мешавад.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти илмӣ ва амалии диссертатсияи иҷрогардидаро кам намегардонанд, зеро онҳо ислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ доранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи "Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисод, аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор» пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Мудири кафедраи менеҷмент
ва соҳибкории ДАТ
ба номи Ш.Шоҳтемур
н.и.и. дотсент, БобоазиззодаШ.А.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХА ШОХТЕМУРА
ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ

Личную подпись тов. Бобоазиззода Ш.
Заверяю, нач. отд. кад Тагоева М.А